«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи
давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои таърих,
профессор Ибодуллозода А.
__________________
«16» октябри соли 2024

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, накду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

**Мутобиқати мӯҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» ба шиносномаи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мувофиқат мекунад. Фарҳангнигории форсу тоҷик дар асрҳои XV-XVIII бештар рӯ ба таҳаввулот овард ва ин раванд боиси таълифи фарҳангҳои бузурге дар қаламрави адабиёти форсӣ-тоҷикӣ гардид. Хушбахтона, аксарияти онҳо то ба замони мо боқӣ монда, мавриди омӯзишу таҳқиқи олимону пажӯҳишгарони соҳа қарор дорад. Арзиши адабии луғатномаҳо дар он зоҳир мешавад, ки онҳо дорои асноди шеърӣ мебошанд. Ин имкон фароҳам меорад, то ин ки ба фарҳанг ҳамчун сарчашмаи адабӣ муроҷиат намуда, аз назари матншиносӣ ва дигар арзишҳои муҳими адабиётшиносӣ онро мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Воқеан, осори адибони асрҳои X-XI ба тасҳеҳу танқеҳ ниёз дорад ва аз ҷониби луғатнигор Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ истифода шудани сарчашмаҳои муътамади адабиву бадеӣ дар ҷараёни таълифи фарҳанг имкон фароҳам меорад, ки ба накду тасҳеҳи мутуни осори адабии ин давр мушарраф гардем, ҷанбаҳои адабӣ ва матншиносии фарҳанги мазкурро ба риштаи таҳқиқ кашем. Ҳарчанд, таҳқиқоте муайян дар заминаи арзиши муҳими фаҳангҳо дар рушди масоили лексикографӣ ба анҷом расидааст, вале ин манобеи муҳими адабӣ ба пажӯҳиши бештар

ҳамчун сарчашмаи адабӣ ниёз доранд.Ҳамаи ин, зарурат ва аҳамияти мавзуи диссертатсияи Г.Султонзодаро бори дигар таъйид месозад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Фарҳангнигорӣ ва фарҳангшиносӣ яке аз қисматҳои бунёдии илми филологияи буда, онҳо махзани забонҳо ва сарчашмаи адабиёт маҳсуб меёбад. Махсусан, дар солҳои охир таҳқиқу нашри фарҳангҳои асримиёнагӣ ба рушди бардавоми ин самти муҳимми илм дар кишвари мо мусоидат кардааст. Рисолаи Султонзода Гулбаҳор дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI»-ро низ метавон ба ин саф афзуд, ки таҳқиқу таъйини арзиши адабӣ, омӯзишу баррасии нусхаҳои хаттӣ, баъзе аз масоили матншиносӣ ва муайян намудани хусусиятҳои адабӣ, аз ҳадафҳои муҳимми диссертант ба шумор рафта, ба бисёр масъалаҳои фарҳангшиносӣ посух мегӯяд ва ин худ актуалӣ ва муҳим будани таҳқиқи мазкурро таъйид менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**Таъйиди муҳиммияти мавзуъ, аҳамияти таҳқиқи он, дараҷаи омӯзиш ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, моҳияти назарию амалии он, тарҳи умумии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои илмию пажӯҳишӣ ифодагари саҳми шахсии диссертант дар омӯзиши мавзуъ мебошад. Инчунин, накши шахсии муҳаққиқ дар омӯзиш ва истифодаи консепсияҳои муосири таҳқиқи адабиёт, таҳлилу баррасии онҳо, таҳия ва таълифи мақолаҳо ва суханрониҳои илмӣ ба назар мерасад. Диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзуъ аз методология ва усулҳои муосири баррасии масъалаҳои марбути матншиносӣ суд ҷустааст, ки ин ҳам саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқи мавзуъ таъйид месозад. Диссертант ҳангоми баррасии ашъори суханварон дар фарҳанг аз зарфиятҳои таҳқиқии усулҳои маъруфи илмии муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-тахлилӣ, қиёсию оморӣ ва матншиносӣ суд ҷустааст. Шеваҳои мазкур имкон додааст, ки дар диссертатсияи мазкур аҳволу осори шоир Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ, вижагиҳои фарҳанги "Маҷмаъ-ул-фурс", маърифат, нақду тасҳеҳи ашъори адибони асрҳои X-XI дар контексти равандҳои таърихии замон ба таҳқиқ гирифта шавад. Аз ин рӯ, метавон таъкид кард, ки диссертатсияи Г.Султонзода аз нигоҳи баёни мураттаб ва бо низоми мавзуъ, пайванди устувору мантикии масоили дар бобу фаслҳои он баррасишаванда, хулосаю тавсияҳо, китобнома ва ғайра ҷолиби диққат аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ**от иборат аз он аст, ки то кунун аҳволу осори Сурурии Кошонӣ дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Инчунин, дар таъйин намудани ҷойгоҳи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ҳамчун

сарчашмаи адабӣ эътироф шудани фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс», муайян намудани роҳу усулҳои интихоби асноди шоҳид ва шарҳи маънои киноёту истиорот дар фарҳанги мазкур бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ҷой доштани афкори интиқодӣ ва он заминаи рушди нақд дар фарҳангнигории минбаъда гардиданаш бо далелҳо собит карда шуда, дар асоси асноди шоҳиди фарҳанг зиёда аз 50 байт аз ашъори суханварони асрҳои X-XI дар диссертатсия нақду тасҳеҳ карда шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ,** пеш аз ҳама дар асоснокии масъалагузориҳои диссертант, шинохти воқеии шахсияти Сурурии Кошонӣ, таъйин намудани ҷойгоҳи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар рушди минбаъда ва ҳаллу фасли масъалаҳои тозаи адабиётшиносии назариявию амалӣ, фарҳангнигорӣ, матншиносӣ, нақду тасҳеҳ ва шинохти паҳлуҳои мухталифи илмҳои мазкур, маърифат ва шарҳи адабиёт хизмат хоҳад кард. Натиҷаҳои тадқиқот барои муайян кардани ашъори бозмондаи суханварони асрҳои X-XI, дарёфти шакли саҳеҳ ва маънии дурусти силсилаи киноёту истиороти шоирона, нақду тасҳеҳи теъдоди абёти шоирони асрҳои X-XI мусоидат менамояд.

Рисолаи мавриди назар дорои аҳамияти илмӣ, назарӣ ва амалӣ буда, он метавонад дар рушди минбаъада ва ҳаллу фасли масъалаҳои тозаи адабиётшиносӣ, фарҳангнигорӣ, матншиносӣ, нақду тасҳеҳ ва шинохти паҳлуҳои мухталифи илмҳои мазкур ва маърифату шарҳи адабиёт нақши шоиста гузорад. Инчунин, ҷиҳати баррасии ашъори бозмондаи шоирони асрҳои X-XI, барои дарёфти шакли саҳеҳи абёти мутуни ин давра ва дар таъйин намудани мақоми Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоири асри XVII мусоидат менамояд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** мушаххас баён шудаанд. Диссертатсия дорои тартиби муайяни илмӣ буда, низоми таҳқиқи мавзӯъ барои зина ба зина ҳал гардидани проблемаҳои мавриди назари диссертант мусоидат намудаанд. Бобу фаслҳои диссертатсия паҳлӯҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳам алоқамандии мантиқӣ доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаи диссертатсия дар 12 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид аб истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳодҳои судманд манзур шудааст. Метавон ба ин антиҷа расид, ки диссертант бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ аз ҷумлаи дастовардҳои илмӣ маҳсуб меёбад, ба дараҷаи илмии дархостшаванда ҷавобгӯ мебошад.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, ҳашт зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, 2 замима ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия фароҳам омодааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо ва объекти таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии он дар сатҳи лозимӣ тавзеҳ шудаанд.

Боби аввали рисола **«Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»-и ӯ дар суханшиносии форсӣ-тоҷикӣ»** унвон дошта, фарогири 3 фасл аст.

Дар фасли аввали ин боб, ки «Зиндагинома ва фаъолияти адабии Сурурии Кошонӣ» унвон дорад, шарҳи иҷмолии рӯзгор ва муҳимтарин тамоюлҳои эҷодӣ ва мероси бозмондаи Сururӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар ин фасл диссертант ба маълумоти тазкираҳо такя намуда, зиндагинома ва вижагиҳои ашъори шоирро таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар асоси тазкираҳо зиёда аз 200 байти Сурурӣро ҷамъоварӣ намуда, ба рисола замима намудааст.

Дар мавриди мақоми фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» дар фарҳангнигорию адабиёти тоҷик дар фасли дуввум андешаҳои олимону муҳаққиқонро иброз дошта, хулосаҳои илмии худро бо далелҳо собит намудааст.

Диссертант фасли сеюми боби аввалро ба нусхашиносии фарҳанг бахшидааст. Муаллиф 4 нусхаи хаттии фарҳанги мазкурро бо нашри интиқодӣ муқоиса ва муқобала намуда, муайян намудааст, ки Сурурии Кошонӣ фарҳангашро 4 маротиба таҳрир намуда ва ин боиси гуногуннусхагӣ гардидааст. Диссертант дар фасли мазкури диссертатсия ин нусхаҳоро баррасӣ ва тавсиф намуда, таркиби онро, бо истифода аз усули таҳлили оморӣ, равшан месозад.

Боби дуюми рисола ба **“Вижагиҳои адабию луғавии фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»** бахшида шудааст. Фасли аввал «Сарчашмаҳои «Маҷмаъ-ул-фурс» ва таснифи он унвонгузорӣ шуда, диссертант ҳамаи сарчашмаҳои фарҳангро ба 3 қисмат ҷудо кардааст, яъне фарҳангҳо, кутуби илмию соҳавӣ ва осори адабӣ. Дар фасли мазкур мавқеи истифодаи ҳар як сарчашмаи фарҳанг мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм “Асноди шоҳиди фарҳанг ва шеваҳои гузиниши он” ба таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант муайян намудааст, ки дар фарҳанги мазкур зиёда аз 10 ҳазор байти шоҳид аз 300 нафар шоири классик ҳамчун байти шоҳид ба кор бурда шуда, аз анвои шеърӣ бештар

маснавӣ, баъдан ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва ҳатто осори насрӣ низ истифода шудааст. Гоҳо фарҳангнигор ба шарҳи маънои як калима то 10 байт истинод намудааст.

Диссертант фасли сеюмро ба вижагиҳои фарҳанг бахшида, ба 2 зерфасл тасниф намудааст ва дар он хусусиятҳои хоси ин фарҳанг шарҳи шаклии калима, шарҳи вожаҳои куҳани форсӣ, решашиносии калимаҳо, аносири нақду шарҳ ва шарҳи истиороти адабиро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Зерфасли аввали фасли мазкур «Аносири накд дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ном дорад ва дар он мулоҳизоти интиқодии муаллиф роҷеъ ба фарҳангҳои дигар таҳлил шудааст.Фарҳангнигор ҳангоми ташреҳи калима ва истифодаи абёти шоҳид ба сарчашмаҳои луғаташ назари интиқодии хешро низ баён кардааст. Дар зерфасли мазкур таъкид гардидааст, ки «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Меъёри Ҷамолӣ», «Шарҳи Сомӣ», «Туҳфат-ул-аҳбоб», «Муаййид-ул-фузало», «Фарҳангномаи Вафоӣ», «Шарафнома» ва «Кашф-ул-маҳҷуб» мавриди накди Сурурӣ қарор гирифтааст ва диссертант накду тасҳеҳи фарҳангнигорро бо дигар сарчашмаҳо муқоиса карда, саҳеҳ ё нодуруст будани афкори интиқодии ӯро собит намудааст.

Зерфасли дуюми фасли сеюм «Унсурҳои шарҳ дар фарҳанг» ном гирифта, дар он усулҳои шарҳу басти вожагон, таркибҳои шоирона ва дигар падидаҳои марбут ба шарҳ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муҳаққиқ муайян намудааст, ки дар фарҳанг якчанд унсури шарҳнигорӣ - шарҳи мухтасари воҳидҳои луғавӣ, шарҳи муфассал бо истиноди сарчашмаву абёти шоҳид, шарҳи калима бо зикри қиссаву ривоёт ва шарҳи абёти шоҳид ба назар мерасад.

Диссертант бештар ба қисмати хотимавии фарҳанг, ки «Истиороту киноёт» ном дорад, таваҷҷуҳ намудааст. Дар ин қисмат ибораву таркибҳое ҷо дода шудаанд, ки бахше аз онҳо аз фарҳанги мардумӣ бар осори шуаро интиқол ёфтаанд, дигар киноёту истиороте, ки маҳсули тахайюли худи шоир буда, баъдан дар адабиёти бадеӣ роиҷ гаштааст. Диссертант муайян намудааст, ки Сурурӣ дар ин қисмати фарҳанг ҳамагӣ 576 ибораи шевои шоиронаро тавзеҳ додааст ва чанде аз намунаҳо дар рисола таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

Боби сеюми рисола меҳвари диссертатсияро ташкил додааст ва ба **«Масоили маърифати шеър ва матншиносии осори адабии асрҳои X-XIдар фарҳанги Сурурӣ»** бахшида шудааст.

Диссертант фасли аввали ин бобро «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ ва мақоми он дар маърифати ашъори суханварони асрҳои X-XI» номидааст. Ӯ таъкид намудааст, ки ҳарчанд ашъори суханварони асрҳои X-XI бо сабки Хуросонӣ суруда шудааст ва мисли сабки Ироқиву Ҳиндӣ печидагиву

кинояҳои бисёр ҳам надорад, вале онҳо аз калимоту таркиботи куҳани форсӣ ва ибороти малеҳонаву шоирона ороста гардидаанд, ки бе донистани маънии онҳо маърифати ашъори мазкур ба хонанда даст намедиҳад. Дар ин маврид фарҳангҳои тафсирӣ ва муаллифӣ барои маърифати шеър ва дарки маънои онҳо мусоидат менамояд. Яке аз ин гуна фарҳангҳо «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонист, ки зиёда аз 2 ҳазор байти суханварони асрҳои X-XI-ро истинод намуда, калимаву ибороти мушкилфаҳми онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст.

Фасли дувуми боби савуми диссертатсия «Матншиносии осори адабии асрҳои X-XI» ном дошта, муҳимтарин матлабҳои таҳқиқӣ дар се зерфасл баён шудаанд. Дар фарҳанг аз осори суханварони асрҳои X-XI абёти зиёд мустанад шудааст. Муҳаққиқ муайян намудааст, ки «Фарҳанги Сурурӣ» аз ҷиҳати фарогирии 2014 байт аз 63 шоири асрҳои X-XI метавонад сарчашмаи муътамаде дар таҳқиқу тадвини ашъори ин шоирон қарор бигирад. Аз баррасиву таҳлили абёти шоҳиди мазкур дар муқоисаву муқобалаи мутуни нашрҳои гуногун ва фарҳангҳои дигар ба хулосае омадааст, ки аксари мураттибони девону маҷмуаҳои адибони асрҳои мазкур фарҳанги Суруриро дар ҷараёни тасҳеҳу нашри онҳо ҳамчун сарчашмаҳои ин девону маҷмуаҳо қарор додаанд.

Дар охири рисола диссертант ба баъзе масъалаҳои матншиносии ашъори Рӯдакӣ равшанӣ андохта, муайян намудааст, дар «Маҷмаъ-ул-фурс» аз осори Рӯдакӣ 127 байт ҳамчун абёти шоҳид истинод шудааст, ки ин далели яке аз сарчашмаҳои ашъори Рӯдакӣ будани фарҳанг аст. Ва 7 байти шоҳидро, ки ба номи Рӯдакӣ омада ва дар девонҳои Одамушшуаро ба назар намерасад, дар ин фасл сабт намудааст.

Диссертант бо такя ба ишораҳои муҳаққиқони қаблӣ таъкид менамояд, ки дар таҳияву тадвини осори суханварони ин давра дар қатори дигар сарчашмаҳо фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» низ аҳаммияту арзиши воло дорад.

Г.Султонзода бардоштҳо ва натиҷагириҳои илмии худро аз таҳқиқи фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» дар бахши хулосаи диссертатсия дар 12 сархат овардааст, ки аксари онҳо пояҳои устувори таҳқиқӣ дошта, қобили андеша мебошанд. Тавсияҳо оид ба амалишавии натиҷаҳои диссертатсия низ ба илмҳои назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, матншиносӣ, фарҳангшиносӣ ва нусхашиносӣ зарур будани маводи рисоларо собит месозад.

Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои зикргардида, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо аз фоида холӣ нест:

1. Дар рисола диссертант зиндагинома ва ашъори Сурурии Кошониро дар як фасл таҳлил намудааст. Беҳтар мебуд, ин ду мавзӯъ,ки домани васеъ дорад дар ду фасли алоҳида таҳлилу баррасӣ гардад;

2. Дар мавриди масъалаи нусхашиносии фарҳанг, ки 4 нусхаи хаттӣ мавриди таҳлилу муқоиса қарор гирифтааст таҳқиқи бештар ва мушаххастарро тақозо мекунад;

3. Дар фасли аввали боби дуюм, мисолҳо дар мавриди сарчашмаҳои фарҳанг ба таҳлили бештар ниёз дорад;

4. Дар автореферати диссертатсия фасли "Асноди шоҳид ва гузиниши он дар фарҳанг" хеле мухтасар баён гардидааст, ки моҳияти мавзуъро ба пуррагӣ равшан намесозад;

5. Дар диссерттсия якчанд маротиба номи фарҳанги "Лисон-уш-шуаро" зикр гардидааст, вале номи муаллифи он ҳам дар дохили диссертатсия ва ҳам дар рӯйхати адабиёт "Ошиқ" оварда шудааст, ки бояд номи муаллифи фарҳанг пурра зикр гардад;

6. Дар рисола баъзе нуқсоноти ҷузъии имлоиву техникӣ мавҷуд аст,ки ислоҳ мехоҳад.

Камбудиҳои зикргардида, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши рисолаи мазкурро кам намегардонад ва ислоҳи онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи илмии диссертатсия мегардад.

Муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, пурра мувофиқат менамояд. Илова бар ин, муҳимтарин паҳлӯҳои таҳқиқоти мазкур дар 12 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, дар 7 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расиданд, ифода гардидааст.

**Мутобиқати тахассуси илми довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» таҳқиқоти комилу ба анҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 15 октябри соли 2024, суратҷаласаи № 3 муҳокима ва тасдиқ гардид.
Дар ҷаласаи кафедра 14 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 14 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садридидн Айнӣ Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷӯрақулович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

**Имзоҳои Ш. А. Солеҳов, В. Ҷ. Элбоев ва А. А. Шоевро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумхурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.ti; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

«16» октябри соли 2024